# Ф А Р М О И Ш И
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 15.01.2019 №265 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Тартиби фиристодани кормандони дастгоҳи маркази вазорати маориф ва илм ва зерсохторҳои он ба хориҷи кишвар

Дар асоси талаботи моддаи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 8-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби фиристодани кормандони дастгоҳи маркази вазорати маориф ва илм ва зерсохторҳои он ба хориҷӣ кишвар тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ба сармуҳаррири нашрияи “Омӯзгор” Нуралиев Ноилшо супориш дода шавад, ки фармоиши мазкурро дар рӯзномаи “Омӯзгор” ба чоп расонад.
3. Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ дар якҷоягӣ бо Раёсати кадр ва корҳои махсус фармоиши мазкурро ба тамоми раёсат, шуъба ва бахшҳои дастгоҳии маркази вазорат, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намояд.
4. Назорати татбиқи фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Вазир Нуриддин Саид

Муовини якуми вазир

Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ

Раёсти кадрҳо ва корҳои махсус

Шӯъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ

Шӯъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.01.2019, №265 тасдиқ шудааст

**Тартиби фиристодани кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм ва зерсохторҳои он ба хориҷи кишвар**

1. Сафари хизматии кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (хизматчиёни давлатӣ), директорон, ректорони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ба хориҷи кишвар бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда мешавад.

2. Мактуб ҷиҳати сафар ба хориҷи кишвар ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати на камтар аз 7 рӯзи корӣ пеш аз сафар пешниҳод карда мешавад.

3. Ҳуҷҷатҳое, ки барои мувофиқа пешниҳод карда мешаванд чунинанд:

- мактуби расмӣ аз Вазорати маориф ва илм ба унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- нусхаи даъватнома (ба номи даъватшаванда набошад);
- хулосаи хаттии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (агар даъватнома ё мактуб тариқи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуда бошад, зарурат надорад);
- анкетаи аз ҷониби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида (замима 1);
- асосноккунии сафар, ки дар он мақсад ва зарурати анҷоми сафари хориҷӣ, мавзӯъҳои баррасишавандаи чорабинӣ, натиҷаҳои пешбинигардида, манифатбахшии он ба соҳаи дахлдор дарҷ карда мешаванд;
- нусха аз матни суханронӣ (баромад), презентатсия. Дар сурати пешбинӣ гардидани баромад аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳоди матни суханронӣ барои мувофиқа ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон равон карда мешавад;

4. Самти фаъолият ва вазифаи ишғолнамудаи хизматчии давлатӣ, ки ба сафари хориҷӣ равон карда мешавад, ба сатҳ ва мавзӯи чорабинӣ бояд мутобиқ бошад.

5. Зимни анҷоми сафарҳои хориҷӣ муҳлати будубош дар хориҷа, ки нисбати он аз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат гирифта шудааст, қатъиян риоя карда мешавад. Дар сурати аз муҳлати

муайянгардида зиёд гаштани давраи будубош дар хориҷа бе сабабҳои узрнок, хароҷоти иловагӣ аз роҳбари мақомот ситонида мешавад.

6. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм мукотиботи расмиро оид ба иштироки хизматчиёни давлатии соҳаи маориф ва илм дар чорабиниҳои хориҷӣ бо намояндагиҳои дипломатии кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ тавассути Вазорати корҳои хориҷӣ ба роҳ мемонад.

7. Даъвати суроғавии иштироккунандагон дар чорабиниҳои хориҷӣ ба инобат гирифта намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар даъватшаванда аъзои гурӯҳи корӣ, шуро ё намояндаи расмӣ бошад.

8. Масъулияти кордонию қобилиятнок будани хизматчии давлатии соҳаи маориф ва илм, ки ба сафари хориҷӣ пешниҳод мешавад, ба уҳдаи роҳбари мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм вогузор карда мешавад.

9. Хизматчии давлатии соҳаи маориф ва илм, ки ба сафари хориҷӣ фиристода мешавад, бояд талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатиро риоя намояд ва зиракии сиёсиро аз даст надиҳад. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ҳангоми пешниҳоди номзад тартиби муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мавриди ҳифзи сирри давлатӣ риоя намояд.

10. Хизматчии давлатии соҳаи маориф ва илм, ки дар сафарҳои қаблӣ рафтори ношоиста содир кардааст, ё ин ки гирифтори беморӣ мебошад, ба сафарҳои хориҷӣ пешниҳод карда намешавад.

11. Хизматчии давлатии соҳаи маориф ва илм, ки зимни сафари хориҷӣ бо мукофот, унвонҳои фахрӣ ва махсуси давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байнамилалӣ сарфароз гардонида мешавад, ин иқдом дар асоси иҷозати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

12. Дар сурати 3 нафар ва зиёда аз он будани ҳайати хизматчиёни давлатии соҳаи маориф ва илм, ки ба сафари хориҷӣ фиристода мешаванд, роҳбари ҳайат муайян карда мешавад. Роҳбари ҳайат барои пешниҳоди ҳисоботи натиҷаи сафари ҳориҷӣ ва дигар амалҳои аъзои ҳайат вазифадор карда мешавад.

Иштироки мутахассис, сармутахассиси дастгоҳи марказии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, ки ба ҳайати гурӯҳ шомил карда мешавад, бо риоя намудани талаботҳои қоидаҳои мазкур бо иҷозати роҳбари мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ба ҳайати гурӯҳ ҳамроҳ карда шуда, ба сафари хориҷӣ фиристода шавад.

13. Кормандони зерсохторҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм бо риояи талаботи қоидаҳои мазкур бо иҷозати вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сафари хориҷӣ фиристода мешаванд.

14. Хизматчии давлатии соҳаи маориф ва илм баъди бозгашт аз сафари хориҷӣ дар муддати панҷ рӯз ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи сафар ҳисоботӣ хаттӣ пешниҳод менамояд. (замимаи 2).

15. Сафарҳои ҳориҷии аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ба нақша гирифташуда тибқи тартиби муқарраршудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

Замима 1

# Анкета
# барои анҷоми сафари хориҷии хизматчиёни давлатӣ ва дигар кормандони соҳаи маориф ва илм Ҷумҳурии Тоҷикистон

______________________________

ному насаб

______________________________

рӯз, моҳ ва соли таваллуд

______________________________

вазифаи ишғолнамуда

______________________________

шумораи сафарҳои хориҷӣ дар соли ҷорӣ

______________________________

кафолати ҳатмии роҳбари мақомот (имзо бо мухр) дар мавриди кордонӣ ва ҳифзи сирри давлатӣ

______________________________

забонҳои хориҷӣ

______________________________

(номи пурраи муассисаи таълимӣ ва ихтисос)

______________________________

(собиқаи корӣ ва рақами телефон)

______________________________

барои эътимоднокии маълумоти дар анкетаи зикрнамуда масъулият дорам (имзои номзад)

______________________________ ______________________________

сардори воҳиди робитаҳои хориҷӣ санаи пешниҳоди ҳуҷҷат

Эзоҳ: дар сурати пурра ҷавоб нагардидани саволҳои дар анкета зикршуда, дархости пешниҳодгардида баррасӣ намегардад.

Замимаи 2

Талабот
вобаста ба пешниҳоди ҳисобот аз натиҷаи сафари хориҷии хизматчиёни давлатӣ ва дигар кормандони соҳаи маориф ва илм

Ҳисобот бояд фарогири масъалаҳои зерин бошад:

1. Маълумоти муфассал оид ба иштирок дар чорабинӣ бо дарки натиҷаҳои мусбӣ ё манфии сафар ва манфиатбахшии он ба соҳаи даҳлдор.

Арзёбии манфиатнок будани сафарҳои хориҷӣ, дараҷаи татбиқи мақсад ва вазифаҳои сафар бо чунин нишондодҳо муайан карда мешавад:

- Ноилшавӣ ба шароити хуб барои рушду робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва илмию техникӣ;

- ҷалби сармояи хориҷӣ, захираҳои грантию кредитӣ, ёрии техникӣ ва башардӯстона;

- мувофиқа ва имзои шартномаҳои байналмилалӣ;

- муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳимояи манфиатҳои кишвар;

- пешбурди ташаббусҳои байналмилалӣ ва миллӣ барои нигоҳ доштани нуфузи мусоиди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ;

- иҷрои пурраи барномаи омӯзишӣ барои такмили ихтисоси кормандон, ҷорӣ кардани таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи дахлдор, гирифтани ҳуҷҷати тасдиққунанда дар мавриди хатми барномаи омӯзишӣ.

2. Пешниҳодот оид ба беҳтаргардонии вазъи соҳаи дахлдор бо назардошти натиҷаҳои сафари анҷомдодашуда.

3. Маълумоти мушаххас оид ба мавқеи Вазорат дар назди намояндагони дигар кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ вобаста ба масъалаҳои баррасишуда, аз ҷумла дар хусуси муносибатҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Пешниҳоди нусхаи чиптаҳои ҳавопаймо, матни баромад, протоколи имзошуда ва барномаи давраи омӯзишӣ.